**«Тасдиқ мекунам»**
**Ректор Донишкадаи**
**энергетикии Тоҷикистон н.и.т.**
**Дотсент Назарзода Х.Х.**
**____________**
**«20 » ___05__ соли 2020**

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ТАҚРИЗДИҲАНДА

**ба диссертатсияи Набиев Баҳодур Аҳмадович дар мавзӯи «Фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплексҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисод ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат) пешниҳод карда шудааст.**

## Мубрамии мавзӯи таҳқиқот

Энергетика яке аз соҳаҳои аз лиҳози стратегӣ муҳими иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, амнияти миллӣ ва рушди устувори иқтисодиёти мамлакатро таъмин менамояд. Комплекси энергетикии мамлакат фаъолияти самарабахши тамоми соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёти миллиро таъмин намуда, бахри фароҳамсозии нишондиҳандаҳои асосии молиявӣ-иқтисодии мамлакат заминаҳои воқеиро ба вуҷуд меорад.

Дар ин замина, истифодаи самарабахши захираҳои энергетикии мамлакат заминаҳои заруриро барои таъмини рушди устувори иқтисодиёт фароҳам оварда, бахри баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволӣ ва сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд.

Дар шароити муосир яке аз муҳимтарин қонуниятҳои инкишофи хоҷагии ҷаҳонӣ дар фаъолгардонии ҷалби сармоягузориҳо ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ зуҳур меёбад, ки он дар навбати хеш ҳамчун унсури калидии такрористеҳсоли иқтидори истеҳсолӣ-техникӣ баромад мекунад. Ҳамчунин фаъолгардонии ҷалби сармоягузорӣ дар заминаи таҳия табдили барномаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба маҳсулот ва

технологияҳои нав ба рушди истеҳсолот ва таъмини рақобатпазирии он мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, дар шароити муосир яке аз соҳаҳои муҳими ҷалби сармоягузориҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон комплекси энергетикӣ мебошад. Дар навбати худ, таҳия ва татбиқи низоми ҷалбсозӣ ва идоракунии фаъолияти сармоягузорӣ дар комлексҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба инкишофи механизми баландбардории самарабахшии он, инчунин муайянсозӣ, таҳлил ва арзёбии тамоюли инкишофи равандҳои асосии сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ мусоидат намояд.

Ба андешаи мо, гуфтаҳои боло, муҳиммияти таҳқиқи масоили фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплексҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷуд набудани муназзамӣ дар равишҳои илмӣ-амалӣ доир ба баҳодиҳии самарабахшии ҷалби сармоягузориҳо дар комплексҳои энергетикӣ интихоби мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Набиев Баҳодур Аҳмадовичро муайян намудаанд.

**Асоснокӣ, саҳеҳӣ ва навгонии хулосаҳои илмӣ, натиҷаҳои асосӣ ва тавсияҳо**

Натиҷаҳоои асосӣ, нуктаҳои ҳимояшаванда, навгониҳои илмӣ ва тавсияҳо, татбиқи амалии натиҷаҳо оид ба фаъолгардонии ҷалби сармоягузориҳо дар комплексҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин усулҳо ва пешниҳодҳои манзуршуда ҳамаҷониба асоснокшуда ва дақиқу саҳеҳ мебошанд.

Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, хулосаву пешниҳодот ва 197 номгӯи адабиёт иборат мебошад. Ҷанбаҳои таҳлилии диссертатсия тавассути 21 ҷавдвал, 14 формула ва 21 расм инъикос карда шудаанд.

Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва коркардҳои методологӣ оид ба танзими механизми ҷалби сармоягузорӣ ба комплекси энергетикӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ иборат мебошад.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** мубрамият ва зарурати баргузории таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ аз ҷониби олимони ватанӣ ва хориҷӣ, заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, мақсад, предмет, масъалаҳо, усулҳо ва соҳаи таҳқиқот, марҳилаҳо, пойгоҳи асосии иттилоотию озмоишӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ, нуктаҳои ҳимояшавандаи таҳқиқот ва саҳми шахсии довталаб муайян карда шудаанд.

**Дар боби аввал – «Асосҳои назариявӣ-методии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ»** ҷанбаҳои назариявии фаъолияти сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ва равишҳои методологии баҳодиҳии самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Инчунин таҷрибаи хориҷии ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ба комплекси энергетикӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Ба андешаи муаллифи диссертатсия ҷалби сармоягузорӣ омили асосии ҳавасмандкунии сармоягузории соҳаҳо буда, муаммои асосии сиёсати меҳварии мамлакат барои амалӣ намудани фоидаоварии лоиҳаҳои сармоягузории комплекси энергетикии мамлакат ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи ӯ, ҷалби сармоягузорӣ имконият, сарчашмаҳо, воситаҳое мебошад, ки метавонанд барои расидан ба мақсадҳои муайян ва ҳалли масъалаҳои мушаххас истифода шаванд (саҳ. 22).

Муаллиф чунин мепиндорад, ки раванди ҷалби сармоягузорӣ воситаи фаъол барои расидан ба рушди соҳаҳои стратегии иқтисод мебошад, ки бахшҳои алоқамандкунанда миёни фаъолияти ҷории соҳаҳо, бо таъмин кардани рушди дарозмуддат ва гирифтани даромади максималӣ аз ҳисоби истифодаи мақсадноки иқтидорҳои табиию захиравӣ дар сармоягузории нав буда, таъминкунандаи баландшавии даромаднокии фаъолияти хоҷагидории комплекси энергетикианд (саҳ. 38).

Ҳамчунин аз ҷониби диссертант модели консептуалии ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи энергетика таҳия гардидааст, ки хеле ҷолиби диққат мебошад.

Муаллиф дар модели консептуалии ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаи энергетика муайян намудааст, ки механизими фаъолкунии равандҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ аз принсипҳои муайян, меъёрҳо, механизмҳои мусоидаткунандаи мукаммалсозии низоми идораи равандҳои сармоягузорӣ ва хусусиятҳои соҳавӣ вобастагии қавӣ доранд, ки ба инобат нагирифтани онҳо боиси номусоид гардидани иқлими сармоягузорӣ мегарданд (расми. 1.1. 3, саҳ. 43).

**Дар боби дуюм – «Таҳлили вазъи муосири фаъолияти сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** диссертант ҳолати муосир ва шароитҳои рушди соҳаи энергетикӣ, ҳамзамон истифодаи захираҳои сармоягузориро дар комплекси энергетикии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода, самаранокии лоиҳаҳои сармоягузории дар комплекси энергетикӣ татбиқшавандаро арзёбӣ намудааст.

Дар заминаи таҳлили ҳамҷониба муаллиф барҳақ дуруст қайд менамояд, ки ҳаҷми назарраси неруи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи неругоҳҳои обӣ (98%) таъмин карда мешавад ва нархи аслии он бошад нисбат ба дигар сарчашмаҳои барқ арзонтар аст. Аз тарафи дигар 80%-и ташкилдиҳандаҳои истеҳсолоти дигар намуди неруи барқ ворид карда мешаванд, аз он ҷумла 59% ангишт, 98% газ ва масолеҳи нафтӣ ва мувофиқан нархи он нисбат ба неруи барқи обӣ гаронтар мешавад (саҳ. 74).

Ғайр аз ин, дар диссертатсия зимни таҳлили ҳолати муосири сармоягузории соҳаи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шудааст, ки Тоҷикистон захираҳои бемаҳдуди энергияи барқи обиро доро буда, дар ҷаҳон мақоми 8-умро вобаста ба бузургии умумии захираҳо ишғол менамояд. Ҳамзамон муайян карда шудааст, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи зарурӣ ба барқ 22-24 млрд. кВт/с буда, норасоии он дар давраи зимистон 5 млрд. кВт/с-ро ташкил дода, дар давраи тобистон бошад 2 млр. кВт/с зиёдатӣ мекунад (саҳ. 84).

Дар диссертатсия хулосабарорӣ карда шудааст, ки баҳогузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҷузъи муҳимми танзими сиёсати давлатии ҷалби

захираҳои молиявӣ дар комплекси энергетикии фоиданок ба сармоягузориро тариқи системавӣ муайян мекунад, имкониятҳои нисбатан натиҷаовару фоиданоки баҳогузории вазъиятро дар соҳаҳо, ки ҳавасмандии сармоягузоронро фаъолтар мекунанд, дақиқ намуда, шароит барои қабули қарорҳоро фароҳам месозад. Барои сармоягузорони потенсиалӣ дар комплекси энергетикӣ ҳангоми таҳлили ҷалби сармоягузорӣ нақши ҳалкунандаро сиёсати давлат дар муносибат бо сармоягузории хориҷӣ, амалӣ кардани сармоягузории хориҷӣ, ширкат кардани ҷумҳурӣ дар системаи шартномаҳои байналхалқӣ оид ба масъалаҳои энергетикӣ, устувории институтҳои давлатӣ, оромии сиёсати ҳукумати, дараҷаи дахолати давлатӣ ба иқтисодиёт ва ғайра мебозанд (саҳ. 99).

Аз ҷониби муаллиф методикаи андозагирии миқдори самаранокии ҷалби сармоя ба соҳаи энергетика пешниҳод карда шудааст, ки ба сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ муҳиммияти хосаро зам менамояд. Тибқи методикаи мазкур, ҳангоми арзёбии миқдорӣ бояд меъёрҳои асосӣ, ки таркиби даромад ва хароҷоти сармоягузориро муайян мекунанд, ҳисоби самаранокии онҳо ба назар гирифта шаванд (саҳ. 121).

**Дар боби сеюм «Самтҳои асосии такмилдиҳии нишондиҳандаҳои омории сатҳи зандагии аҳолӣ дар шароити муосир»** диссертант роҳҳои асосии такмилдиҳии низоми сарчашмаҳои молиякунонии сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод намуда, самтҳои калидии мукаммалсозии механизми ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузориро дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намудааст. Инчунин дар ин боби диссертатсия нақши сармоягузорӣ ба соҳаи энергетика ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти миллӣ моделсозӣ карда шудааст.

Муаллифи диссертатсия чунин мепиндорад, ки ҷалби сармоягузорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ бевосита ба рушди соҳаҳои иқтисодӣ, ки дорои чунин хислатҳо мебошанд, алоқаманд аст: вазъи соҳаи энергетика,

сатҳи рушди соҳаи саноат ва хоҷагии қишлоқ, рушди соҳаи нақлиёт ва боркашонӣ, ҷоннокшавии фаъолияти молиявию сармоягузорӣ, ки аз омилҳои зиёди дохилию хориҷӣ вобастагӣ доранд. Ба андешаи ӯ, таваҷҷуҳ ба масъалаҳои интихоби стратегияи сиёсати сармоягузорӣ ва ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаҳои муҳимми комплекси энергетикии ҷумҳурӣ меафзояд (саҳ. 129). Дар ин замина, муаллиф самтҳои стратегии сиёсати энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намудааст (саҳ. 131).

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ қайд карда шудааст, ки дар доираи Стратегияи миллии ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030 таъминкунандаи татбиқи стратегияи энергетикӣ, барои рушд ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои гидроэнергетикӣ дар комплекси энергетикӣ диққати махсус дода мешавад.

Дар робита ба ин, аз ҷонибӣи муаллиф нақшаи сохтории ташаккул ва фаъолкунии ҷалби сармоягузорӣ дар комплекси энергетикӣ таҳия карда шудааст (саҳ. 145).

Ҳамчунин дар чорчӯбаи он механизмҳои ҷалби сармоягузорӣ ошкор карда шудааст, ки таҳти вай механизмҳои маҷмӯи воситаҳои молиявӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва маъмурию давлатии танзими истифодаи сармоя ба мақсади истифодаи самаранокии иқтидорҳои гидроэнегетикӣ ва паст кардани сарбориҳои антропогенӣ ба муҳити зист фаҳмида мешаванд.

Интиҳои мантиқии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар хулоса ва тавсияҳои муаллиф инъикос гардидааст, ки дар натиҷаи таҳқиқоти назариявию амалӣ ташаккул ёфтааст.

Дар маҷмуъ, рисолаи диссертатсионии мазкур фарогири масоили гуногунҷабҳаи фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплексҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ҳамин тариқ, нуктаҳои асосии ҳимояшаванда, хулоса ва тавсияҳои диссертатсия асоснок ва саҳеҳ шуморида шуда, унсурҳои асосии навгонии илмии таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Аҳамияти илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаву пешниҳодоти дар он манзургардида ба тавсеаи донишҳои амиқи назариявии фаъолияти сармоягузорӣ мусоидат намуда, аксар пешниҳодоту тавсияҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро барои таҳияи сиёсати самарабахши ҷалби сармоягузорӣ ба комплекси энергетикии мамлакат истифода намудан мумкин аст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот. Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаву тавсияҳои диссертатсия зимни коркарди сиёсати сармоягузорӣ, инчунин мукаммалсозии механизми ҳавасмандсозии ҷалби сармоягузорӣ ба комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи амалии худро паёдо карда метавонад. Ҳамзамон арзёбии нишондиҳандаҳои асосии рушди иқтисодиёти миллӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика заминаи асосии моделсозии раванди мазкурро муайян менамояд.

Ба андешаи мо, натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия фарогири навгониҳои илмии муҳим ва зарур буда, барои таҳким ва мукаммалсозии ҷанбаҳои илмӣ-амалии фаъолгардонии ҷалби сармоягузориҳо дар комплексҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле мубрам ва рӯзмарра мебошанд, аз ҷумла:

– пешниҳоди шарҳи муаллифӣ оид ба мафҳуми «ҷалби сармоягузорӣ», ки он ҳамчун меъёрҳои умумӣ оид ба танзими сармоягузорӣ, истифодаи захираҳои сармоягузорӣ барои гирифтани даромад аз ҳисоби неруи табиӣ–захиравӣ, ки аз суръату сатҳи энергияи барқӣ вобаста аст;

– таҳияи модели нақшавии мукаммалсозии механизми ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика, ки фарогири шароити фароҳамкунандаи таъсири дуҷонибаи принсипҳои асосӣ, критерияҳо, воситаҳои рушди фаъолияти сармоягузорӣ дар асоси танзими низоми идоракунии равандҳои ҷалби сармоягузорӣ, истифодаи фоиданоку мақсадноки неруи табиӣ-захиравӣ, молиявию-сармоягузорӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад;

– муқаррарсозии роҳҳои такмилдиҳии сарчашмаҳои ғайрибуҷетии маблағгузории комплекси энергетикӣ, дар асоси рушди ташкилотҳои қарзии кишвар ва ҷалби онҳо ба ин соҳа, инчунин таҳияи механизми ҳавасмандгардонии ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ва неруи сармоягузории соҳаҳо;

– арзёбии даромаднокӣ ва натиҷабахшии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина анҷом додани мониторинги ҷалби сармоягузорӣ ба мақсади нисбатан даромаднок истифода намудани неруи гидроэнергетикӣ ва иҷро намудани вазифаҳои стратегии рушди устувори иқтисодӣ;

– таҳияи модели регрессионии алоқамандии сармоягузории соҳаи энергетика бо нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ дар кишвар ва дар асоси он азрёбӣ намудани мултипликатори кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати сармоягузорӣ.

**Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Дар баробари таҳқиқоти ҳамаҷонибаи масъала ва афзалиятҳои ҷойдошта, диссертатсия аз баъзе камбудиву норасоиҳо холӣ нест. Ба андешаи мо, дар таҳқиқоти дисссертатсионӣ чунин камбудиву норасоиҳо ҷой доранд:

1. Аз ҷониби муаллифи диссертатсия модели консептуалии ҷалби сармоягузорӣ дар соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудааст, аммо мутаассифона унсурҳои асосии модели мазкур ба таври васеъ асоснок нагардидаанд;

2. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ таҷрибаи хориҷии ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ба комплекси энергетикӣ, аз ҷумла таҷрибаи Ҷумҳурии халқии Чин, Ҳиндустон, Корея, Бразилия, ИМА ва ғайраҳо омӯхта шудааст, аммо имконоти татбиқи таҷрибаи ин ва ё он давлат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон камтар пешниҳод гардидааст;

3. Дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқ муҳаққиқу олимони ватанӣ, ки доир ба ҷанбаҳои мухталифи мавзӯи диссертатсия таҳқиқоти

илмӣ анҷом додаанд, оварда шудааст. Дар таҳқиқотҳои минбаъда хуб мешуд, ки ақидаву андешаҳои онҳоро васеътар истифода барад;

4. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷанбаҳои мухталифи масъала муайян карда шуда, проблемаҳо ва роҳҳои фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо ба комплекси энергетикӣ ошкор карда шудаанд. Дар баробари ин, ба андешаи мо, дар кори диссертатсионӣ тавсияву пешниҳодоти дақиқ бахри фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо ба комплекси энергетикии мамлакат ва дар ин замина таъмин намудани истиқлолияти энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон кам ба назар мерасанд;

5. Дар диссертатсия моделсозии сармоягузорӣ ба соҳаи энергетика ва таъсири он ба рушди иқтисодии кишвар анҷом дода шуда, дурнамои рушди сармоягузорӣ ба соҳаи электроэнергетика то соли 2025 арзёбӣ гардидааст. Аммо, мутаасифона, омилҳои ҷойдошта зимни пешгӯии масъалаи мазкур ба таври кофӣ таҳқиқ ва асоснок нагардидаанд.

6. Баъзе андешаҳои боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ хислати назариявӣ доранд ва ҷанбаҳои асосӣ ба таври зарурӣ аз лиҳози самаранокии иқтисодӣ бо ҳисобҳои мушаххас шарҳ дода нашудаанд;

7. Дар диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ ба чашм мерасанд.

Аммо бояд иброз дошт, ки камбудиву норасоиҳои мазкур ба мазмуну муҳтаво ва муҳиммияти диссертатсияи номзадӣ таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро низ кам намегардонанд.

**Хулосаи умумӣ**

Диссертатсияи Набиев Баҳодур Аҳмадович дар мавзӯи « Фаъолсозии ҷалби сармоягузориҳо дар комплексҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон » кори илмию таҳқиқотии мустақили анҷомёфта дониста шуда, ба талаботҳои КОА–назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисод ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (саноат) пурра

мувофиқат карда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршуда пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи «Риёзӣ-иқтисодӣ» -и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, санаи 11 майи соли 2020, протоколи № 10 муҳокима ва баррасӣ карда шудааст.

Тақризро кафедраи «Риёзӣ-иқтисодӣ» -и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон омода намудааст.

**Раисикунанда:**

**Холназаров Б.Қ** ____________

**Муқарриз:** **Холов Р. М** ____________

**Котиб:** **Назарова Н.С** ____________

**Имзои Холназаров Б.Қ., Холов Р.М ва Назарова Н.С - ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсус** ____________ **Равшанова М.А**

**Суроға:** 735162 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ҷамоати шаҳраки
Бохтариёни ноҳияи Кӯшониён
Тел/факс: (992) 918-49-19-33, (992) 918-49-19-33
**E-mail: nazarov-h2013@mail.ru**